аз 18.05.2023, №7528/13.1-д

Мақомоти ҳудудии андоз

“Оид ба пешниҳоди Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо супориши протоколии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2023, №2к/31-28 ва пешниҳоди Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2023, №11-1020 дар бораи бартараф намудани сабаб ва шароитҳое, ки ба содир шудани ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта мусоидат менамоянд, барои корбарӣ ва таъмини иҷро ирсол менамояд.

Тибқи муқаррароти зербанди 1 банди 3 Қарори протоколи мазкур, субъектон ва иштирокчиёни муқовиматбаранда ба коррупсия тибқи талаботи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” пайваста тарғибу ташвиқи зиддикоррупсиониро ба роҳ монда, бо мақсади ошкор ва бартараф намудани сабабу шароитҳо ва хавфҳои коррупсионӣ таҳлили фаъолиятро анҷом диҳанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ибқи талаботи сархати 6 қисми 1 моддаи 23 ва саррхати 8 қисми 1 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” истифодаи захираҳои молиявӣ, моддию техникӣ, нақлиётӣ, захираҳои дигари давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва иттилооти хизматиро бо мақсадҳои ғайрихизматӣ ба шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахси ба он баробаркардашуда манъ намудааст ва чунин кирдорҳо ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд ҳисобида мешаванд. Мутобиқи муқаррароти банди 5 боби 3 Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - хизматчии давлатӣ бояд воситаҳои давлатии (шабакаи интернет, шабакаи дохилӣ, почтаи электронӣ, телефон, факс, нусхабардор, дигар таҷҳизот, воситаҳои нақлиёти хизматӣ, арзишҳои моддию ғайримоддии) ба ӯ пешниҳодшударо барои манфиатҳои хизматӣ истифода намояд, инчунин набояд автомашинаи хизматии ба ӯ

вобасташударо барои манфиатҳои шахсии худ ва аъзои оила истифода барад.

Моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ва қисми 2 моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” пешбини намудааст, ки роҳбари мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намуданро дорад, ба хизматчии давлатӣ барои кирдори интизомии содирнамудааш, ҳамчунин барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои соҳавии одоби хизматчии давлатӣ роҳ додан ба бархурди манфиатҳо ҳангоми адои хизмати давлатӣ ва ё дигар кирдорҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дорои аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноятӣ намебошанд, муҷозоти интизомиро татбиқ менамояд.

Бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2007, №АП-161 истифодаи биною иншооти давлатӣ ва автомашинаҳои хизматии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳо, муассисаю корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ барои гузаронидани ҷашну маросим манъ гардидааст.

Дар баробари ин, бо қарори Ҳукумати  Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёри (лимити) моҳонаи хароҷоти сӯзишворӣ ба як адад нақлиёти сабукрави хизматӣ ва истифодабарии нақлиёти шахсӣ дар сафарҳои хизматӣ” аз 7 сенятбри соли 2001, №437 меъёри моҳонаи хароҷоти сӯзишворӣ барои истифодаи нақлиёти сабукрави хизматӣ дар муддати 5 рӯз дар як ҳафта ҳисоб карда шуда, танҳо ба роҳбарони вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ истифодаи нақлиёти сабукрави хизматӣ дар муддати 6 ва 7 рӯз дар як ҳафта бо зиёдшавии меъёри моҳонаи хароҷот  то 30 фоиз рухсат дода шудааст.

Муқаррароти дар сархати 6 қисми 1 моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” ва амри болозикр пешбинигардида, нисбат ба мансабҳои ташкилоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, татбиқ карда мешавад.

Аз талаботи сархати 1 қисми 1 моддаи 265 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки хизматчии граждани, яъне ҳайати техникӣ ва хизматрасонии мақомоти давлатӣ низ ҳуқуқ надоранд воситаҳои таъминоти моддию техникӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ, дигар молу мулки давлатӣ ва иттилооти хизматиро бо мақсади ғайрихизматӣ истифода намоянд.

Дар робита ба ин, мутобиқи моддаи 661 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ, яъне бо мақсадҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва мақсадҳои дигари ғайрихизматӣ истифодаи биноҳо, воситаҳои нақлиёт ва алоқа, воситаҳои электронӣ, маблағҳо ва молу мулки дигари давлатӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ вобаста карда шудаанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят ба шахсони мансабдор ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст.

Ҳамзамон, хотирнишон менамоем, ки риоя накардани талаботи моддаҳои 656 – 675 боби 38 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон омили ба вуҷуд оварандаи ҳаракатҳои дорои хусусияти коррупсионӣ дошта мегарданд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, роҳбарони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки омӯзиш ва риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳавӣ ва самти муқовимат ба коррупсияро таъмин карда, баҳри дуруст ба роҳ мондани фаъолият дар ин самт назоратро бевосита бар дӯши худ гирифта, ҷиҳати пешгирии омилҳои коррупсионӣ тамоми чораҳои зарурииро андешанд.

Раис Давлатзода Нусратулло Муқим